**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**

**шурои диссертатсионии 6D. КОА-068-и назди**

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)**

Парвандаи аттестатсионии №____

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 18-уми декабри соли 2023, №15 барои сазовор донистани Холматова Хуршеда Айюбҷоновна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD).

Диссертатсияи Холматова Хуршеда Айюбҷоновна дар мавзуи "Инъикоси консепти "бойигарӣ"-"қашшоқӣ" дар системаи фразеологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ" барои дарёфти дараҷаи доктори PhD аз рӯйи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302– Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2022, таҳти № 306) рӯзи 2-юми октябри соли 2023, суратҷаласаи № 37 барои ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Холматова Хуршеда Айюбҷоновна 2-юми майи соли 1994 дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2012 ба Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров дохил шуда, онро бо дараҷаи бакалавр аз рӯйи ихтисоси "Забони англисӣ" хатм кардааст. Аз соли 2016-2018 дараҷаи магистр аз руйи ихтисоси "Забони англисӣ" хатм кардааст. Солҳои 2017-2020 ҳамчун омӯзгори фанни забони англисӣ дар МТМУ №23-и ш.Хуҷанд фаъолияти кориашро оғоз кардааст. Солҳои 2020-2023 докторанти кафедраи назария ва амалияи забони англисии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" мебошад. Аз моҳи январи соли 2021 дар вазифаи котиб-коргузори кафедраи умумидонишгоҳии забонҳои хориҷии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" аз якуми сентябри соли 2021 ҳамчун ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии забонҳои хориҷӣ кору фаъолият намуда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва амалияи забони англисии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – номзади илми филология, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забони англисӣ, факултети забонҳои хориҷии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Раҷабова Мавлуда Мамадҷоновна.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Ҳомидов Дилмурод Раҷабович**, доктори илми филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

2. **Камолова Гулрухсор Рустамовна,** номзади илми филология, ассистенти кафедраи забонҳои Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна ва ташхисгар – номзади илми филология, дотсенти кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Маҳмудзода М. А., котиби илмии ҷаласа Сафарзода Р.А. имзо шуда ба имзову муҳри ректори муассиса, доктори илми филология, профессор Гулназарзода Ж.Б. тасдиқ гардидааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи доктории (PhD) дар мавзуи "Инъикоси консепти "бойигарӣ"-"қашшоқӣ" дар системаи фразеологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ" барои ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи доктори PhD аз рӯи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302– Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқарраротибандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бар он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару

мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**а) Мақолаҳое, ки дар нашриёҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд**:

[1-М] **Холматова, Х.А.,** Роҷеъ ба забоншиносии фарҳангӣ ҳамчун заминаи назариявии таҳлили консепсия / Х.А.Холматова// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. 2021. № 1. – С. 66-70

[2-М] **Холматова, Х.А.** About of the concept “wealth” and “poverty” in the paremyological picture of the world / Х.А.Холматова// Scientific journal “Research and education” (ISSN: 2181-3191) Vol.1 No.8 (2022), Tashkent

[3-М] **Холматова, Х.А.,** Роҷеъ ба муқоисаи ибораҳои рехтаи консепти “боигарӣ-қашшоқӣ” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Х.А.Холматова// Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар шумораи №3 (104) соли 2023 барои чоп супорида шуд.

[4-М] **Холматова, Х.А.** Роҷеъ ба мафҳуми консепт дар забоншиносӣ (таърихи инкишоф, сохтор, таснифот) / Х.А.Холматова// Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар шумораи №1-1(107) 2023 ба чоп супорида шуд.

[5-М] **Раджабова, М.М., Холматова, Х.А.,** Этимологический анализ концепта ***“wealth/богатство”*** в английском и таджикском языков (на тадж.языке) / Х.А.Холматова// Вестник Таджикского национального университета-серия филологических наук №7 стр. 83-89, 2023.

**2. Мақолаҳое, ки дар нашриёҳои дигар чоп шудаанд:**

[6-М] **Холматова, Х.А.** О паремиологии концепта «богатство» и «бедность» в таджикском, русском и английском языках / Х.А.Холматова // IV International Scientific and Practical Conference Current issues and prospects for the development of scientific research held on December 7-8 2021 in Orleans, France

[7-М] **Холматова, Х.А.** Фразеологические единицы таджикского языка как объект лингвистического исследования / Х.А.Холматова// Scientific collection «Interconf»№ 2 (38) 16-18.12.2020 Маводи конференсияи илмӣ дар Таллин. Эстония

[8-М] **Холматова, Х.А.** Семантический анализ фразеологических единиц антропоцентрической направленности русского, английского и таджикского языков / Х.А.Холматова// Scientific collection «Interconf» №3 (39) 26-28.12.2020, Маводи конференсияи илмӣ дар Манчестер. Британияи Кабир

[9-М] **Холматова, Х.А.** Мафҳуми “Консепт” дар забоншиносии когнитивӣ ва забоншиносии фарҳангӣ /Х.А.Холматова// Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ ва лингводидактика дар заминаи муошират байнифарҳангӣ дар маводи ҷумҳуриявӣ бахшида ба 90-солагии таъсисёбии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва 50-солагии таъсисёбии кафедраи умумидонишгоҳии забонҳои хориҷӣ. Душанбе-2021

[10-М] **Холматова, Х.А.** Мушкилоти тарҷума ҳангоми тафаҳҳуми матн / Х.А.Холматова// Масоили мубрами забоншиносии типологӣ, германӣ, ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ. №10 (2020) Хуҷанд-2020

[11-М] **Холматова, Х.А.** Отражение концепта “богатство” и “бедность” / Х.А.Холматова// Международная научная конференция “Актуальные научные исследования в современном мире” (26-27 февраля 2022 г.) г.Перяслав, Украина

[12-М] **Холматова, Х.А.** Консепти фразеологӣ: моҳият ва сохтор (дар асоси забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ) / Х.А.Холматова// “Масъалаҳои мубрами забоншиносии муосир ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ”, маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии ҶТ, 25-солагии ба имзо расидани созишномаи истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ, 90-солагии МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”, 65-солагии факултети забонҳои хориҷӣ, иҷроиши “Барномаи рушди забони давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар ҶТ барои давраи то соли 2030” №14 (2022)

[13-М] **Холматова, Х.А.** Роҷеъ ба муносибати халқҳои Амрико ва Тоҷик оид ба қашшоқӣ (дар мисоли зарбумасалҳо, мақолҳо, фразеологизмҳо ва афоризмҳо) / Х.А.Холматова// Инсони комил ва олими забардаст (Маҷмӯи мақолоти илмӣ ва меҳрномаҳо бахшида ба 75-солагии дотсенти кафедраи забони олмонӣ ва забони хориҷии дуюм Шарипов А.Ш.) 2023.– С. 206-209

**Ба автореферати диссертатсия аз муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. **Юсупова З.Р.** - доктори илми филология, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти руси Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

Дар тақриз роҷеъ ба таҳқиқоти диссертатсионӣ ба автореферат баъзе камбудию норасоиҳо низ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо боиси беҳтар шудани сифати он хоҳад буд:

- баъзе иштибоҳоти имлой, аломатгузорӣ ва техникие, ки дар матни рисола ба чашм расиданд, ба осонӣ ислоҳшавандаанд ва аҳамияти илмии онро кам намекунанд.

Мавриди зикр аст, ки камбудиҳои мазкур характери тавсиявӣ дошта, мазмуну муҳтаво ва арзиши илмии кори диссертатсиониро коста намекунанд ва дар сурати ислоҳи онҳо қимати кор боз ҳам хубтар хоҳад шуд.

**2. Муродов Б.Р.** – номзади илми филология, муаллими калони кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ. Тақриз дар маҷмуъ мусбат буда, чунин эрод гирифта шудааст:

- дар автореферат баъзе нуқсонҳои техникӣ ба назар мерасанд;

**3. Раззоқбердиев Ш.С.** - номзади илми филология, дотсент, муовини директор оид ба илм ва робитаҳои байналмиллалии Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. Тақриз мусбат буда, ба автореферат ду эрод гирифта шудааст:

- ғалатҳои имлой ва техникӣ мушоҳида мегарданд;

- забони рисола равону илмӣ бошад ҳам, гоҳо ҷумлаҳои носуфта ба назар мерасанд.

**4. Давлятова Ч.А.** – номзади илми филология, омӯзгори калони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Тақриз мусбат буда, чунин эродҳо пешниҳод гардидаанд:

- хуб мешуд, ки дар муқаддима навгониҳои таҳқиқот тавассути рақамгузорӣ мушахассан нишон дода шаванд.

- аз ҷониби муаллифи диссертатсия дар ҷараёни далелорӣ на ҳамеша таносуб риоя гардидааст.

Муқарризон дар баробари нишон додани баъзе камбудӣ ва нуқсони диссертатсия ва автореферати он (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии кор, инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, онро барои дарёфти дараҷаи доктори PhD аз рӯйи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302–Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор донистанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд,** ки довталаби дараҷаи илмӣ зимни иҷро кардани таҳқиқи илмӣ чунин масъалаҳоро ҳаллу фасл намудааст:

-ошкор намудани имконоти лингвофарҳангшиносӣ ва забоншиносии когнитивӣ ҳамчун асоси назариявии таҳқиқи хусусиятҳои лингвофарҳангии консептҳо;

- муайян кардани мафҳуми "консепт" дар забоншиносии муосир;

- коркарди минбаъда ва возеҳ намудани усулҳои экспликатсияи хусусиятҳои лингвофарҳангии консепт дар заминаи тавсифҳои ҳаматарафаи он;

- таҳлили шакли дохилӣ, меъёри калимасозӣ, парадигматикӣ ва синтагматикии консептҳои омӯхташаванда;

- омӯзиши динамикаи консептҳои "бойигарӣ" ва "қашшоқӣ" дар забони адабии тоҷикии охири асри XX;

- тасвири консептикунонии бойигарӣ ва қашшоқӣ дар идиомаҳо ва паремияҳо;

- бунёди сохторҳои когнитивӣ, ки аз онҳо консептҳои таҳқиқшаванда бармеоянд;

**Асосҳои назарии таҳқиқот** иборат аз он аст, ки дар рисола тасаввурот оид ба консепт ҳамчун манбаи бисёрҷанба муайян шуда, самтҳои гуногуни дастрасии он тавассути забон дар мисоли консептҳои фарҳангӣ тавсиф шудаанд. Инчунин, самаранокии эпистемологии таҳқиқоти муқоисавии консептҳо дар доираи як лингвофарҳанг ва лингвофарҳангҳои гуногун нишон дода шудаанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** –дар имконияти истифодаи натиҷаҳои он дар таҷрибаи лексикографӣ мебошад. Аз маводи тадқиқот тарҷумонҳо, фарҳангшиносон, ҷомеашиносон, муаллимони забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ истифода карда метавонанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо.** Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия дар он аст, ки консепти **"бойигарӣ"-"қашшоқӣ"** дар забони тоҷикӣ ва муқоисаи он бо забони англисӣ бо ёрии фразеологизмҳо, ибораҳои рехта, зарбумасалу мақолҳо ва қолабҳои алоҳида, бо муқоисаи хусусиятҳои сохторӣ-маъноии онҳо пурра ва возеҳу равшан ифода ёфтаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба таҳқиқи муқоисавии консепти **"бойигарӣ"-"қашшоқӣ"** дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, ки аз назари типологӣ зидмаъно ва ҳам мухталиф мебошанд, бахшида шудааст. Вобаста ба

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаб дар он зоҳир мешавад, ки мавзуи мазкур бори нахуст дар забоншиносии муқоисавӣ–таърихӣ, типологӣ ва қиёсӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор мегирад. Таҳлили консепти **“бойигарӣ”-“қашшоқӣ”** дар забонҳои тоҷикӣ ва муқоисаи он бо забони англисӣ низ ошкор шудаанд.

Диссертант оид ба мавзуи диссертатсия 13 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуқтаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамояд.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 18-уми декабри соли 2023, №__ дар бораи сазовор донистани Холматова Хуршеда Айюбҷоновна ба дараҷаи илмии доктори (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302– Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар, аз ҷумла 12 нафар докторони илм ва 3 нафар номзадони илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ, 10.02.19 – Назарияи забон, 10.02.01 – Забони тоҷикӣ иштирок доштанд.

Дар овоздиҳӣ 13 нафар иштирок намуданд. Аз 13 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ овоз доданд: тарафдор 13 нафар, муқобил - нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест, бюллетенҳои тақсимнашуда – 2 адад.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
д.и.ф., профессор Ҷаматов С.С.

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ, н.и.ф., дотсент Каримова Д. Н.

18.12. 2023 с.